# ХУЛОСАИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии №____
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 15-уми апрели соли 2021, №30**

Барои сазовор донистани Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна дар мавзӯи **«Таҳаввули симои шахсияти таърихи дар адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик 24-уми декабри соли 2020 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна 21-уми майи соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2011 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро хатм намудааст. Айни ҳол дар вазифаи сармуаллимаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" анҷом дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоюнус Матлуба мебошад.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Салихов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;
2. **Зулфиев Гадомад Нурмадович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сардори шуъбаи тайёркунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои илмӣ-педагогии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Н.С. Шамсов имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Ж. Гулназарзода тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна дар мавзӯи **«Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар**

**адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик)»** ба талаботи таълифи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ва навоварона мебошад. Диссертатсия бо услуби хуби илмӣ, баррасию муҳокимаҳои боэътимод таълиф шуда, натиҷагирӣ дар ҳар фаслу боб қобили таваҷҷуҳ ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1–М]. Furthermore Бобоҷонова, Мадина. Тасвири фоҷиаи Темурмалик дар «Садди Сайҳун»-и Муҳиддин Хоҷазод. [Матн] / М. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2018. – № 1 (73). – С.163-170.

[2–М]. Бобоҷонова, Мадина. Хиёнат ва шуҷоат дар драмаи «Тилисми Сайҳун»-и Меҳмон Бахтӣ. [Матн] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ (МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – №3 (56). – С. 81-88

[3–М]. Бобоҷонова, Мадина. Таърих ва воқеият дар драмаи «Темурмалик»-и Сотим Улуғзода [Матн] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ (МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – №4 (57). – С. 92-99.

[4–М]. Бобоҷонова, Мадина. Темурмалик дар достонҳои лирикии адабиёти тоҷик. [Матн] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ (МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – №1.(62) – С. 115-122.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмӯаҳои илмӣ ва нашриёҳои дигар:**

[5–М]. Бобоҷонова, М.Ҳ. Симои Темурмалики қаҳрамон аз дидгоҳи устод Садриддин Айнӣ. [Матн] / М. Бобоҷонова // Уфуқи андешаҳо (маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон ва магистрантон бахшида ба Рӯзи ҷавонон ва 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Хуҷанд: Суғдтехносервис, 2016. – С.66-74

[6–М]. Бобоҷонова, М.Ҳ. Тимсоли таърихии Темурмалик дар повести «Қалъаҷанг»-и Маҷиди Салим. [Матн] / М. Бобоҷонова // Раҳоварди олимони ҷавон. – Хуҷанд, Нури маърифат, 2017. – С. 53-62

[7–М]. Бобоҷонова, М.Ҳ. Тимсоли Темурмалик дар адабиёти тоҷик. [Матн] / М. Бобоҷонова М. // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявии «Мавқеи ҷавонон дар рушди илм» (Хуҷанд, 22 майи 2017). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 180-185

[8–М]. Бобоҷонова, М.Ҳ. Симои таърихии Темурмалики қаҳрамон дар китоби «Темурмалик»-и Маҷид Салим. [Матн] / М. Бобоҷонова // Ҷавонон-пайрави Эмомалӣ Раҳмон (Силсилаи мақолаҳои олимони ҷавони Тоҷикистон оид ба ҳидояту дастурҳои Пешвои миллат дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон). – Душанбе: ЭР-Граф, 2017. – С. 88-99

[9–М]. Бобоҷонова, М.Ҳ. Ҷусторҳои Садриддин Айнӣ оид ба Темурмалики Хуҷандӣ. [Матн] / М. Бобоҷонова // Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.– С. 73-77

[10–М]. Бобоҷонова, М. Тасвири бадеии корномаи Темурмалик дар «Садди Сайҳун»-и Муҳиддин Хоҷазод. [Матн] / М. Бобоҷонова // Раҳоварди олимони ҷавон (Маводи конференсия олимон ва муҳаққиқони ҷавони донишгоҳ-2018). – Хуҷанд, Нури маърифат, 2019. – С.147-157)

[11–М]. Бободжонова, М.Х. Некоторые размышления о стихотворении Фарзоны «Прощание Темурмалика» [Текст] / М.Х. Бободжонова, Ш.Г. Таджибаев // Актуальные исследования. Международный научный журнал. – Белгород: ООО Агентство перспективных научных исследований (АПНИ), 2019. – №3 (3). – С. 39-42

[12–М]. Бободжонова, М.Х. Отражение образа Темурмалика в узбекской литературе (Миркарим Осим и его рассказ «Темурмалик») / М.Х. Бободжонова [Текст] // Человек, экономика, общество: грани взаимодействия: сборник научных трудов по материалам Международной научно-практической конференции 28 декабря 2019 г. / Под общ. ред. Е. П. Ткачевой. – Белгород: ООО Агентство перспективных научных исследований (АПНИ), 2020. – С. 11-13.

[13–М]. Бобоҷонова, М.Ҳ. Тасвири корномаи Темурмалик дар достони Сарбоз [Матн] / М.Ҳ. Бобоҷонова // Уфуқи андешаҳо (маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон ва магистрантон). – Хуҷанд: Ношир, 2020. – С.47-52.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Дар тақризи номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Абдухолиқи Набавӣ ва номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Анзурати Маликзод ду нукта ба сифати пешниҳод қайд гардидааст: 1) Хуб мешуд, ки таҳлили симои бадеии Темурмалик дар адабиёти тоҷик ҷо-ҷо дар қиёс бо адабиёти ҷаҳон таҳлилу баррасӣ мегардид. 2) Дар фишурда хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд. Масалан, дар саҳифаи 3 вожаи зинат бо ду "н" навишта шудааст, ки нодуруст мебошад. Ба ҳамин монанд дар саҳифаи 6 ва дар дигар ҷойҳо калимаи аҳаммият дар шакли аҳамият омадааст, ки ислоҳи он муҳим аст.

2. Дар тақризи доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Хоҷамуродов О. Ҳ. ва номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бобоева Таиба фишурдаи диссертатсия мусбат арзёбӣ гардида, барои беҳтар гардидани сифати кор чунин нуктаҳо пешниҳод гардидааст: 1) Дар ҷараёни мутолеаи автореферати диссертатсия равшан гардид, ки ҳарчанд осори зиёде мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, усули муқоисаи образҳои офаридаи нависандагон камтар ба чашм мерасад. Хуб мешуд, агар диссертант баъзе хулосаҳои хешро дар заминаи муқоисаи образҳои офаридашуда баён медошт. 2) Ҳарчанд автореферати диссертатсия ба забони хуби илмӣ иншо шудааст, аммо баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасад, ки ислоҳи онҳо ба салоҳи кори диссертант аст.

3. Тақризи номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона Исомиддинов Фарҳод ва номзади фанҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии Донишгоҳи давлатии Фарғона Эҳтиётхон Ибрагимова мусбат буда, ҳамчунин эродҳои зерин манзур шудаанд: 1) Ба андешаи мо, таҳаввули симои Темурмалик дар муқоиса бо симоҳои дигари таърихӣ ба таҳқиқ гирифта нашудааст, ҳол он ки чунин усули таҳқиқ имкон фароҳам меовард, ки роҳу усулҳои тасвир ва бурду бохти адибон дар ин замина возеҳтар падид ояд.

4. Директори Муассисаи давлатии "Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ", номзади илмҳои филологӣ Раҳматов Бахром Аҳмадҷонович дар тақризи худ се эрод пеш овардааст, ки бештар хусусияти тавсиявӣ доранд: 1) Зимни баррасии симои Темурмалик, ки асарҳои ба шахсияти ӯ бахшидашуда ба таври алоҳида таҳқиқ гаштаанд, аксаран аз ишораҳои кӯтоҳ ва мушаххаси муҳаққиқ назари мунаққидонаи ӯро дарёфтан имкон дорад, вале дар мавриди баъзе осори бадеӣ дар фишурда назари шахсии муҳаққиқ намоён нест. 2) Қисмати аввали Хулоса - «Натиҷаҳои илмии диссертатсия» ҳам, чунончи қисмати дигари он -

«Тавсияхо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо» агар тавассути рақамгузорӣ меомад, хуб мебуд. 3) Тарҷумаи русии фишурда хам, бо он ки дар сатҳи матлуб ва илмӣ мебошад, ҷо-ҷо бозингарӣ мехоҳад. Мисол саҳифаи 12, 13 (шеър).

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор донистаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки унвонҷӯ Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда дар мисоли образи Темурмалик ба таҳлилу таҳқиқи таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқи масъалаи мазкур дар асоси матни осори бадеиву таърихӣ, мансуру манзум ва драмавии марбут ба шахсият ва корномаи Темурмалик ва таҳаввули симои ӯ бори аввал аз нигоҳи интиқодӣ дар адабиётшиносии тоҷик **таҳқиқ шудааст.**

Муайян кардани вобастагии инъикоси симои шахсиятҳои таърихӣ ба дигаргуниҳои замон ва такомули масоили худогоҳӣ, рушди осори таърихӣ ва ҷойгоҳи Темурмалик дар он, баррасии осори марбут ба Темурмалик аз назари ҷинс ва жанрҳои адабӣ, муайян кардани осори адабии марбут ба шахсияти Темурмалик аз назари замон ва макони таълиф, баррасии ҷойгоҳи осори таърихии асримиёнагӣ ба унвони сарчашмаҳои муътамади осори бадеӣ, муайян кардани мақоми очерки таърихии «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-и устод Садриддин Айнӣ дар рушди насри таърихӣ ва таҳаввули образи Темурмалик, баррасии таҷассуми бадеии симои Темурмалик дар осори ҳамосӣ, ғиноӣ ва драмавии тоҷик, муаррифӣ ва таҳқиқи осори адибони ҷаҳон, ки қаҳрамони марказиашон Темурмалик аст, таҳқиқи хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеиву услубии осори таърихии марбут ба шахсияти Темурмалик чун нуктаҳои асосии ҳимояшаванда **пешниҳод шудаанд.**

Дар адабиёти тоҷик симои ашхоси адабиву таърихӣ, аз он ҷумла шоирон Рӯдакӣ, Робиаи Балхӣ, Маҳастӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Хайём, Камоли Хуҷандӣ, Туғрал, шоҳону вазирон Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, шӯришгарони халқӣ Ибни Муқаннаъ, Абӯмуслим, Восеъ ва дигарон зиёд офарида шудаанд ва таҷассуми бадеии бархе аз онҳо низ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Яке аз мунаввартарин чеҳраҳои таърихии мардони муборизи Ватан симои Темурмалик аст, ки то имрӯз аз ҷониби муаррихон мавриди таваҷҷуҳи хос қарор гирифта, аммо дар илми адабиётшиносӣ ҳанӯз ба ин масъала руҷӯъ нашудааст.

Азбаски масъалаи инъикоси бадеии симои шахсияти таърихӣ хеле муҳим аст, муаллифи диссертатсия кӯшиш кардааст, ки роҷеъ ба арзиши ин образҳо ва рушди он дар адабиёти муосир, оид ба таҳаввули симои Темурмалик дар адабиёт таҳқиқот анҷом диҳад ва бурду бохти адибонро муайян кунад. Як сабаби руҷӯи диссертант ба ин мавзӯъ он аст, ки агар ин шахсияти таърихӣ ҳанӯз аз садаи X1V таваҷҷуҳи аҳли илму адабро ба худ кашида ва аз ин пас низ на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти халқҳои дигар низ аз образҳои шахсияти ормонии мубориз Ватан гардида бошад, аз ҷониби дигар, зиёда аз бист асаре, ки дар ин мавзӯъ офарида шуд, дар ҷинсу анвои гуногуни адабӣ рӯйи кор омада, ҳар кадом вежагии хоси худро дошт.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** диссертатсия ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ дар аснои таҳқиқи масъалаи таҷассуми бадеии симои шахсияти таърихии Темурмалик, таҳаввули образ ва таҷассуми он дар ҳикояву очерк, повесту роман, шеъру достон ва осори драмавӣ ба унвонҷӯёну муҳаққиқони баъдӣ ёрӣ мерасонад.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи ватанию хориҷӣ, аз қабили М. Бахтин, Л. Я. Гинзбург, З. Г. Османова, Ю. И. Суровсев, Муҳаммадҷон Шукуров, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Носирҷон Салимӣ, Абдухолиқи Набавӣ, Маъруф Раҷабӣ, Матлубаи Мирзоюнус, Шамсиддин Солеҳов, Абдусамад Муллоев, таърихнигорон Бобоҷон Ғафуров, Назирҷон Турсунов, Луқмон Бойматов ва дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва татбиқӣ **истифода шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, равобити адабӣ, таърихи тарҷума, назария ва амалияи тарҷумаи бадеӣ, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён ва магистрантону аспирантони факултетҳои филологию рӯзноманигорӣ ёрӣ расонда метавонад.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ **асоснок карда шудааст.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ заминаҳои пайдоиш ва ташаккули симои бадеии шахсиятҳои таърихӣ дар адабиёти тоҷик, арзиши образҳои бадеии таърихӣ ва таъсири он ба рушди адабиёти бадеӣ, симои бадеии Темурмалик дар осори ҳамосӣ, ғиноӣ ва драмавии

тоҷик ва арзиши адабии осори адабиёти ҷаҳон дар офаридани симои бадеии Темурмалик **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 6 сол дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад, ки аз ҷумла 4 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2021 дар бораи ба Furthermore Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

Дар овоздиҳӣ 16 нафар иштирок намуд. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.